# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод дар мавзӯи «Мафҳуми «ғам» ва омилҳои ғамбарангез дар маснавиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик

Дар адабиётшиносии тоҷик ва доираҳои илмии тоҷикону форсизабонони ҷаҳон ба осору рӯзгори Мирзо Абдулқодири Бедил таваҷҷуҳи зиёд шудааст ва дар ин замина асарҳои таҳқиқотӣ ба нашр расидаанд. Маҷмӯи тадқиқоти анҷомёфта ба пажӯҳиши печидагиҳои саргузашту рӯзгори шоир, фалсафаи осор, сабки махсуси назму насри ӯ, инчунин ба омӯзиши ҳунари шоирии ин суханвар дар мисоли тасвирпардозӣ, таркибҳои ғайриинтизор, корбурди ғайримуқаррарии саноеи шеърӣ, калимасозӣ, ибораоройӣ, баёни танқизӣ (парадоксӣ) ва дигар ҷанбаҳои истеъдоди фитрии Абулмаонӣ бахшида шудаанд. Ҳастии рӯҳонии Бедил ва осори мондагори ӯ то имрӯз дар маркази диққати пажӯҳишгарони назму насри тоҷикӣ буда, дар оянда ҳам ҳамчун як бахши адабиёти асили миллии мо мавриди тадқиқ қарор хоҳад гирифт.

Мӯҷиби ифтихор аст, ки солҳои охир дар қаламрави пурвусъати забону адабиёти тоҷику форс бедилшиносӣ ба як ҷараёни шодоб ва ба як раванди пуриқтидор мубаддал мешавад.

Аз ин рӯ, сохтору муҳтавои диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод бо унвони «Мафҳуми «ғам» ва омилҳои ғамбарангез дар маснавиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» гуфтори мазкурро собит месозад. Рисола аз ду ҷиҳат дорои аҳаммият ва дастгирист. Якум, унвонҷӯ бо равиши нави накд - равоншинохтии адабии назми тоҷикӣ-форсӣ ба омӯзиши масъалаи асосӣ пардохтааст. Дувум, мавзӯи таҳқиқотро дар заминаи маснавиёти Бедил, ки дар Тоҷикистон камтар мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд, анҷом додааст.

Бояд гуфт, ки ғамсароӣ дар ашъори тамоми шоирони тоҷику форс ҷой дорад ва омӯзиши андоза, омилҳо ва ғоятшиносии онҳо як амри

табиист ва дар ин замина рисолаву мақолаҳои бисёр ҳам ба табъ расидаанд. Бартариву густураи кори таҳқиқии Салимиён Озар Саидзод дар он зоҳир мешавад, ки ӯ дар оғози диссертатсия ҷойгоҳи ғамро дар дину асотир ва фалсафаи қадими мардумони ҷаҳон баррасӣ мекунад. Баъдан, назари донишмандону ҳакимон, аз ҷумла Суқрот, Арасту, Сино, Ғаззолӣ, Монтен ва дигаронро оварда, равиши амалкарди огоҳонаро дар рӯёрӯӣ бо онҳо баён медорад. Муқоисаи назари донишмандон, муайян кардани фарқият ва умумияти андешаҳо, хусусусан, мулоҳизоти орифон бо файласуфон аз вижагиҳои ковишҳои илмии рисоланавис ба шумор мераванд. Номи маконҳо ва шахсони таърихӣ, ки ба ҳайси намоди ғам шинохта шудаанд, аз фарохии таҳқиқ ва амиқнигарии унвонҷӯ гувоҳӣ медиҳанд.

Мушаххас кардани мафҳуми «ғам» аз нигоҳи илмӣ, тақсимбандии он ба ғамҳои гурезпазиру гурезнопазир, равову нораво, носталжи ё ҳасрати гузашта, дарёфти навъҳои носталжи, агарчи дар адабиётшиносии ҷаҳон чизи нав нестанд, вале дар заминаи тадқиқи маснавиҳои Бедил сурату намоди гуногун гирифта, аз тозагии баёну халқи маонӣ дар коргоҳи эҷодии ин шоири маъруф хабар додаанд. Омӯзиши омилҳои ғамсозу ғамофар ва натиҷагирӣ аз онҳо низ дар рисолаи ба шеваи илмӣ анҷом гирифта, дар 15 банди хулоса бозгӯӣ ва баррасӣ шудаанд.

Ниҳоят, дар баробари муваффақиятҳои бебаҳс ба назар гирифтани тавсияҳои зерин низ ҳусни монографияро такмил хоҳанд дод:

1. Агар дар диссертатсия таркибҳои махсуси ифодагари сифоти ғам дар фасли алоҳида таҳқиқ мегардид, ҷустуҷӯҳои илмии муҳаққиқро боз барҷастатару возеҳтар месохт.

2. Диссертант аз маснавиёти хурдҳаҷми Бедил, ки ба мавзӯи меҳварии пажӯҳишоташ пайванд мегиранд, сарфи назар кардааст ва онҳо аз доираи таҳқиқот берун мондаанд.

Ин тавсияҳо хусусияти пешниҳодӣ дошта, ба қимати илмии диссертатсия ҳеҷ халал ворид намекунанд.

Умед мебандем, ки холигоҳи адабиётшиносии тоҷик бо ковишҳои анҷомдодаи диссертант Салимиён Озар Саидзод ва нафарони дигаре, ки дар оянда чунин усули таҳқиқро пеш мегиранд, ба таври чашмрас пурбору гановатманд хоҳад шуд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Салимиён Озар Саидзод дар мавзӯи «Мафҳуми «ғам» ва омилҳои ғамбарангез дар маснавиёти Мирзо Абдулқодири Бедил» аз кори анҷомёфтаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад ва он ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик сазовор аст.

Мирсаидов Б.Т., номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд

Имзои Мирсаидов Б.Т.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои
Китобхонаи вилоятии оммавии ба номи
Тошхоҷа Асирии вилояти Суғд Ҷалолова М.С.

31-уми марти соли 2021

Суроға:
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 1
E-mail: somonzod